**Хулосаи комиссияи ташхис**

**ба кори диссертатсионии Шаҳбози Рустамшо дар мавзӯи «Антропонимияи «Таърихи Систон» (ҷанбаи таърихӣ-забоншиносӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология**

Кори диссертатсионии Шаҳбози Рустамшо ба таҳқиқи як соҳаи муҳимми илми забоншиносӣ – ономастика (дар мисоли Антропонимияи «Таърихи Систон» (ҷанбаи таърихӣ-забоншиносӣ) бахшида шудааст. Таҳқиқи анҷомдода аз ҷиҳати илмӣ арзишманд буда, унвонҷӯ аввалин маротиба антропонимияи ин ёдгории хаттии асри XI – «Таърихи Систон»-ро мавриди таҳлилу таҳқиқ ва баррасӣ қарор додааст.

Дар диссертатсия мавзӯе таҳқиқ шудааст, ки таъсири мусбат ба рушди забоншиносӣ, фарҳангу тамаддун, ғанигардонии таркиби луғавии забони тоҷикӣ расонида метавонад. Таҳқиқи мазкур дар баробари он ки таркиби луғавии забони тоҷикиро ғанӣ мегардонад, ҳамчунин, заминаи мусоидро барои шинохти марзу бум, ҳодисаю воқеаҳои таърихӣ ва масъалаҳои дигар муҳайё карда метавонад.

Навгониҳои диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки аввалин маротиба дар забоншиносии тоҷик ба тариқи муфассал омӯзиши антропонимияи «Таърихи Систон» ба роҳ монда шудааст. Зимни таҳқиқи мавзӯи мазкур гурӯҳҳои асосии луғавӣ-маъноии лексикаи антропонимӣ муайян карда мешавад.

Сарчашмаи таҳқикро, пеш аз ҳама, антропонимияи «Таърихи Систон», ки соли 2014 онро муҳаққиқон М. Имомов (Имомзода М.С.) ва А. Абдусаттор ба хатти кирилӣ таҳия намудаанд ва тавассути нашриёти «Бухоро» –Душанбе: 2014. -352 с. нашр гаштааст, ташкил медиҳад. Ҳамчунин, таълифоту таҳқиқоти бунёдии олимону муҳаққиқони машҳури ватанию хориҷӣ, аз ҷумла: О. Ғ. Ғафуров, Р. Х. Додихудоев, А. Л. Хромов, Ҷ. Алимӣ, Н. Офаридаев, О. Маҳмадҷонов, Ш. Исмоилов, Д. Ҳомидов, С. Ю. Абодуллоева, М. Аюбова, В. И. Абаев, Е. Бенвенист, М. Майхофер, В. С. Айлерс, А. В. Суперанская, Дж. И. Эделман, Э. Мурзаев ва дигарон ташкил медиҳанд.

Гузашта аз ин, тавассути таҳқиқи забоншиносии антропонимияи ин ёдгории таърихӣ, ки аз тавсифи муфассали ҳодисаю воқеаҳо иборат аст, метавон маълумотҳоеро ҳам ба даст овард, ки ба фарҳанг, тамаддун, ҷуғрофия, этнография, санъат, урфу одат, анъанаҳо ва малакаҳои номгузории мардумони ориёӣ мансубанд.

Диссертатсия дар асоси методҳои тавсифӣ, таърихӣ-забоншиносӣ, муқоисавӣ, таҳлилӣ-оморӣ, таҳлили ҷузъӣ таълиф гардидааст. Дар

баробари методҳои мазкур то ҳадди муайян аз методи таҳлили этимологӣ ва сохторӣ-калимасозӣ низ истифода шудааст.

Аҳамияти назарии таҳқиқ аз он иборат аст, ки аввалин маротиба дар забоншиносии тоҷик ва умуман эроншиносӣ антропонимияи яке аз сарчашмаҳои муътамади таърихӣ-ҷуғрофии асри XI «Таърихи Систон» мавриди омӯзиши мушаххаси забоншиносӣ қарор гирифтааст. Таҳқиқ, омӯзиш ва баррасии антропонимияи ёдгориҳои хаттии асрҳои миёна, махсусан, осори таърихӣ-ҷуғрофӣ ҷиҳати мушаххас намудани анъанаҳои номгузории ниёгони худ мусоидат менамояд. Мавриди омӯзиши мушаххас қарор гирифтани антропонимияи «Таърихи Систон» боис мегардад, ки оид ба расму оин, анъана, сарчашма ва хусусиятҳои маводи номгузории гузаштагонамон шинос гардем ва онро бо номгузории замони муосир муқоиса намоем.

Аҳамияти амалии таҳқиқ, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва маводи ҷамъовардашуда метавонад барои коркард ва эҷоди луғату фарҳанги номшиносӣ ягонаю воҳид дар маҷмӯъ мусоидат намояд. Дар баробари ин, таҳқиқи мазкур метавонад ҷиҳати муайян намудани сарчашмаҳои ташаккул ва рушди бонизоми антропонимияи забони тоҷикӣ ва дигар забонҳо, роҳу восита ва методҳои ташаккули антропонимҳо ва муқоисаи онҳо дар шакли номгузории исмҳои хос ёрӣ расонад.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, фаслҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия аҳамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои назарӣ ва равишу усули таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти илмию амалии рисола таҳқиқу таҳлил ва мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби якуми диссертатсия **«Тавсифи сохторӣ-калимасозии антропонимияи «Таърихи Систон»** унвон дошта, аз 10 фасл иборат мебошад. Муҳаққиқ дар ин боби диссертатсия дар бобати тавсифи умумии «Таърихи Систон» ва баъзе масъалаҳои ном ва номшиносӣ, вижагиҳои сохтории антропонимҳо, сохтори калимасозии антропонимияи сода, сохта, мураккаб, антропоним-ибораҳо, антропонимияи занонаи асар, таснифоти антропонимҳои асар аз рӯйи навъ, антропонимияи омехта (гибрид), номҳои худоён, пайғамбарон, фариштагон ва дигар чеҳраҳои диниро ташкил намудааст. Ба андешаи муҳаққиқ таҳқиқи маводи антропонимии асари мазкур аз лексикаи қадимаи забонҳои форсӣ маншаъ гирифта, қисми зиёди антропонимҳои асар дар забонҳои имрӯзаи эронӣ истифода мешаванд. Дар ин боб сохтори калимасозии антропонимҳо ва гурӯҳбандии инҳо нишон дода шудааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Тавсифи луғавӣ-маъноии антропонимияи «Таърихи Систон»** ном дошта, аз 7 фасл иборат мебошад. Муҳаққиқ дар ин боб антропонимҳои асарро аз рӯйи таърихи баромадашон ба антропонимҳои умумиэронӣ, арабӣ, юнонӣ-румӣ, туркӣ-муғулӣ, яҳудии қадим ва антропопатронимия ҷудо намудааст, ки ҷолиби диққат аст.

Диссертатсияи Шаҳбози Рустамшо аз он ҷиҳат ҷолиби диққат аст, ки дар забоншиносии тоҷик бори аввал вижагиҳои сохторӣ- калимасозӣ ва қабатҳои луғавӣ-маъноии антропонимияи «Таърихи Систон» мавриди таҳлилу баррасии густурда қарор гирифтааст.

Хулосаҳо ва масъалаҳои марбут ба мавзӯи таҳқиқи диссертатсионӣ аз ҷониби диссертант дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқ дар 3 дастури таълимӣ, 10 мақола, аз ҷумла 4 мақолаи дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашргардида, инъикос ёфтаанд.

Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро инъикос кардааст. Рӯйхати адабиёт дар асоси меъёр ва талаботи ҷорӣ мураттаб гардидааст.

Дар баробари ин, диссертант дараҷаи корбурд ва таҳлилу таҳқиқи антропонимияи асар ва шарҳи луғавӣ-маъноии онҳоро такя ба маълумоти як ва ду фарҳанг иктифо намуда, аз маълумоти дигар сарчашмаҳо камтар истифода намудааст. Ғайр аз ин, ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ ва китобатӣ ба назар расидаанд.

Эроду пешниҳодҳои зикршуда моҳияти илмии диссертатсияро коста накарда ислоҳшавандаанд.

Кори диссертатсионии Шаҳбози Рустамшо дар мавзӯи «Антропонимияи «Таърихи Систон» (ҷанбаи таърихӣ-забоншиносӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология мувофиқ аст.

Комиссияи ташхис тавсия менамояд:

1. Диссертатсияи Шаҳбози Рустамшо дар мавзӯи «Антропонимияи «Таърихи Систон» (ҷанбаи таърихӣ-забоншиносӣ)» барои дифоъ дар Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА -022 қабул карда шавад.
2. Муҳаққиқони зерин, ки корҳои илмию таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.02.22 – Забонҳои кишварҳои Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии (аборигенҳои) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ) мувофиқ аст, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:
3. **Офаридаев Назрӣ** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев.

4. **Одинаев Абдуманон Иброҳимович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии умумидонишгоҳии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд” ба номи Бобоҷон Ғафуров.

Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тавсия карда шавад.

**Раиси комиссияи ташхис:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шӯрои диссертатсионӣ: Маҷидов Ҳ.

**Аъзои комиссияи ташхис:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шӯрои диссертатсионӣ: Хоҷаев Д.

номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
узви шӯрои диссертатсионӣ: Гулназарова Ж. Б.